**ВАЗОРАТИ ЭНЕРГЕТИКА ВА ЗАХИРАҲОИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ХАДАМОТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА**

# ҚОИДАҲОИ ИСТИФОДАИ ЭНЕРГИЯИ ГАРМӢ

**ш. ДУШАНБЕ**

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» _____________ соли 20__ №___
тасдиқ шудааст

**Қоидаҳои истифодаи энергияи гармӣ**

Қоидаҳои мазкури истифодаи энергияи гармӣ (минбаъд Қоидаҳо) дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯӣ ва самаранокии энергия», Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи энергетика таҳия шуда, тартиби истифодаи энергияи баркро муқаррар менамоянд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Қоидаҳои мазкур дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд ва иҷроиши он барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ, ҳатмӣ мебошад.
1.2. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода шудаанд:
**қабулкунаки энергияи гармӣ –** таҷҳизот ё асбоб, ки барои қабул ва истифодаи энергияи гармӣ пешбинӣ шудааст;
**ташкилоти гармитаъминкунанда** – субъекти хоҷагидоре, ки истеҳсол, тақсимот, фурӯши энергия ва ҳомили гармиро амалӣ менамояд;
**истифодабарандаи энергияи гармӣ (муштарӣ) –** корхона, ташкилот, муассиса, бино ва иншоот, ки қабулкунакҳои гармиистифодабарияшон ба шабакаи гармӣ пайваст карда шудаанд ва дар асоси шартнома энергияи гармиро истифода мебаранд;
**зермуштарӣ** – истифодабарандае, ки системаи гармиистифодабарияшон ба шабакаҳои гармии муштарии асосӣ пайваст шудааст ва дар асоси шартнома бо ташкилоти гармитаъминкунанда, энергия ва ҳомили гармиро истифода мебарад;
**истифодабаранда-харидафурӯшандаи яклухт –** муштарии ташкилоти гармитаъминкунанда, ки ба сифати ташкилоти махсусгардонидашудаи ҳисоби хоҷагӣ фаъолият намуда, дар тавозуни худ шабакаҳои гармӣ дорад, энергияи гармиро яклухт аз ташкилоти гармитаъминкунанда харидорӣ намуда, тибқи шартнома ба истифодабарандагони гуногун мефурӯшад;
**сарҳади тобеияти тавозунӣ** – хати ҷудокунии ҷузъҳои шабакаи гармӣ, байни ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ, бо аломати ҳуқуқи мулкдорӣ ё асоси дигари ҳуқуқӣ ба ин ҷузъҳо;
**сарҳади масъулияти истифодабарӣ –** хати ҷудокунии шабакаи гармӣ ё ҷузъҳои он, бо аломати масъулияти истифодабарӣ, ки бо шартнома муқаррар карда мешавад;
**нуқтаи баҳисобгирӣ** – нуқтаи нақшаи гармитаъминкунӣ, ки бо ёрии асбобҳои андозагирӣ (ҳисобгираки гармӣ) ва дигар усулҳо, ки бузургии хароҷоти энергияи гармиро муайян мекунад;
**сарбории (тавоноии) гармии шартномавӣ** – ҳосили ҷамъи борҳои гармии максималии ҳамаи дастгоҳҳои гармиистифодабарандаи муштарӣ ва сарфи максималии яксоатаи миқдори (ҳаҷми) гармии ба вай мувофиқ, ки дар шартномаи байни ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ нишон дода шудааст;
**истифодаи шартномавии энергияи гармӣ** – ҳаҷми бо шартнома муқарраршудаи энергияи гармии истифодашавандаи муштарӣ;
**фармоишгар** – шахси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дар асоси шарти техникӣ ба шабакаи ташкилоти гармитаъминкунанда дастгоҳҳои гармиистифодабарандаи худро пайваст менамояд;
**сифати энергияи гармӣ** – мутобиқати нишондиҳандаҳои гармӣ дар сарҳади тобеияти шабакаҳои гармидиҳӣ ба меъёрҳои бо қонунгузорӣ ва стандартҳои соҳавӣ муқарраршудаи энергияи гармӣ;
**гиреҳи баҳисобгирии муштарӣ** – маҷмӯи асбобҳо ва таҷҳизоте, ки ҳисоби энергия ва ҳомили гармӣ (ҳаҷм), инчунин назорат ва бақайдгирии андозаҳои онро таъмин мекунад.

## БОБИ 2. ПАЙВАСТИ ДАСТГОҲҲОИ ГАРМИИСТИФОДАБАРАНДАИ МУШТАРИҲО

2.1. Ба истифодабарандагони энергияи гармӣ (муштарӣ, зермуштарӣ) иҷозати пайваст намудан ё зиёд намудани энергияи гармӣ, новобаста аз тобеияти тавозунии шабакаҳои гармие, ки ба онҳо пайваст карда мешавад, аз ҷониби ташкилоти гармитаъминкунанда дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика дода мешавад.
2.2. Мувофиқаи қарордодҳои лоиҳавии пешбинишаванда оид ба гармитаъминкунии корхонаҳои нав, биноҳо, иншоот, навбатҳо ё истеҳсолотҳои алоҳидаи онҳо, иншооти амалкунандаи васеъ ё таҷдидшаванда, ки тағйир намудани нақшаи гармитаъминкунии берунаро талаб менамоянд, аз ҷониби ташкилоти гармитаъминкунанда дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика тибқи тартиби муқарраршуда гузаронида мешавад.
2.3. Шартҳои техникӣ барои пайвасти корхона, бино, иншооти навсохташаванда ё васеъшаванда (таҷдидшаванда), навбатҳо ё истеҳсолотҳои алоҳидаи онҳо ба фармоишгар аз ҷониби ташкилоти гармитаъминкунанда дар мӯҳлати 10 рӯз дода мешавад.
2.4. Ҳангоми таҷдид ё васеъшавии дастгоҳҳои гармиистифодабарандаи муштарӣ, ки тағйир намудани миқдори энергияи гармӣ ё нишондиҳандаҳои ҳомилҳои гармии истифодашавандаро талаб мекунад,

истифодабаранда инчунин вазифадор аст, барои пайваст ба шабакаҳои гармӣ аз ташкилоти гармитаъминкунанда шарти техникӣ гирад.
2.5. Шартҳои техникӣ барои пайвасти истифодабаранда ба шабакаҳои гармӣ ё дастгоҳҳои гармӣ, ки моликияти истифодабарандаи дигар мебошад, танҳо бо розигии соҳиби шабакаҳои гармӣ ё дастгоҳи гармӣ дода мешаванд. Соҳибмулки шабака бо дарназардошти талаботи шарти техникӣ барои пайваст намудани зермуштарӣ бояд монеа эҷод накунад.
2.6. Тартиби додани шартҳои техникӣ ва муҳлати амали он аз ҷониби ташкилоти гармитаъминкунанда тибқи талаботи «Қоидаҳои пайвастшавӣ ба шабакаҳои муҳандисӣ ва хизматрасониҳои коммуналӣ» муайян карда мешавад.

Ба шартҳои техникӣ дохил намудани сохтмони иншооти ба технологияи истеҳсол ва интиқоли энергияи гармӣ бевосита алоқаманднабуда иҷозат дода намешавад.
2.7. Сарбории дар шартҳои техникӣ муқарраршуда ба иншооти муайян вобаста карда мешавад. Аз ҳисоби ин сарборӣ пайваст намудани иншооти дигар манъ аст.
2.8. Ҳангоми пайдоиши ҳуқуқ ва аз як шахс ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи молики иншооте, ки барои пайвасти он шартҳои техникӣ дода шуда буд, соҳиби нав вазифадор аст, оид ба ин ташкилоти гармитаъминкунандаро дар муҳлати ду ҳафта хабардор намуда, шартҳои техникии қаблан додашударо аз нав ба қайд гирад.
2.9. Барои фармоишгар, истифодабаранда-харидафурӯшандаи яклухт ва ташкилоти лоиҳакашӣ иҷрои шартҳои техникии ташкилоти гармитаъминкунанда ҳатмӣ мебошад.
2.10. Фармоишгар вазифадор аст, то оғози корҳои сохтмонӣ, лоиҳаи бо тартиби муқарраршуда тасдиқгардидаи сохтмони корхона, бино ва иншооти дигар, навбатҳои онҳо ё истеҳсолоти алоҳидаро ба ташкилоти гармитаъминкунанда пешниҳод намояд.

Ташкилоти гармитаъминкунанда талаботҳои меъёр ва қоидаҳои сохтмон ва энергетика мутобиқ будани қарордодҳои лоиҳавиро ба шартҳои техникӣ дар муҳлати 5 рӯз санҷида, ҳангоми зарурият мувофиқа менамояд.

Ҳангоми дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ муайян шудани берунравӣ аз шартҳои техникӣ ё талаботҳои меъёр ва қоидаҳои сохтмон ва энергетика, ба фармоишгар бояд раддияи асосноккардашуда равон карда шавад.
2.11. Сохтмони иншооти гармитаъминкунӣ бе лоиҳаи дар ҳаҷми талаботҳои санадҳои меъёрии техникӣ коркардшуда, манъ аст.
2.12. Ҳангоми худсарона пайваст шудан ба шабакаҳои гармӣ ё расонидани зарар ба таҷҳизоту воситаҳои гармии ташкилоти гармитаъминкунанда, шахс(он)-и воқеӣ ва ҳуқуқӣ мувофиқи муқаррароти «Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.
2.13. Нав насб намудан, васеъ ва таҷдид намудани дастгоҳҳои амалкунандаи гармиистифодабарандагон бо қувва ва маблағи худи онҳо гузаронида мешавад.
2.14. Истифодабарандагони дастгоҳҳои гармиистифодабаранда, ки аз шабакаҳои истифодабарандагон-харидафурӯшандагони яклухт таъмин мегарданд, шартҳои техникиро аз ташкилоти гармитаъминкунанда мегиранд.

## БОБИ 3. ШАРТНОМА ОИД БА ИСТИФОДАИ ЭНЕРГИЯИ ГАРМӢ

3.1. Ҳуҷҷати асосие, ки дар ҷараёни таъминоти энергия ва ҳомили гармӣ, муносибатҳои тарафҳоро ба тартиб медарорад, шартнома мебошад. Шартнома, бо назардошти талаботҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, байни ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ баста мешавад.

Муштарӣ шартномаро, сарфи назар аз нуқтаи пайвастшавӣ ба шабакаи гармӣ, танҳо бо ташкилоти гармитаъминкунанда мебандад.
3.2. Шартнома бо истифодабаранда бояд дар ҳолати мутобиқатии системаҳои навпайвастшудаи гармиистифодабарӣ ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии соҳаи сохтмон ва энергетика, аз ҷумла ба Қоидаҳои мазкур, ҳангоми мавҷудияти воситаҳои баҳисобгирӣ, танҳо баъди гирифтани иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика, баста шавад.

Дар ҳолатҳое, ки ба сифати муштарӣ тибқи шартномаи таъмини гармӣ шаҳрванд баромад мекунад, ки энергияи гармиро барои истифодаи маишӣ истифода мебарад, шартнома аз лаҳзаи воқеии тибқи тартиби муқарраршуда васл намудани муштарӣ ба шабакаи васлгардида басташуда эътироф мегардад.
3.3. Шартнома ба муҳлати на камтар аз як сол баста мешавад. Ба шартнома даровардани тағйироту иловаҳо, қатъ ё дароз намудани муҳлати шартнома, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, аз ҷумла Қоидаҳои мазкур, ба анҷом расонида мешавад.
3.4. Меъёрҳои шартномавии энергияи гармӣ дар буғ ва оби гарм, дар асоси меъёрҳои бо тартиби муқарраршуда тасдиқ ва мувофиқашудаи сарфи энергия ва ҳомили гармӣ ба воҳиди маҳсулоти истеҳсолшаванда, бояд муайян карда шаванд.

Ташкилоти гармитаъминкунанда, ҳангоми муайян намудани меъёрҳои шартномавӣ, пешниҳодҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетикаро, бояд ба инобат гирад. Пешниҳодҳо оид ба кам кардани меъёрҳои барои муштарӣ муқарраршаванда, бо далелҳои сарфи ғайриоқилонаи энергия ва ҳомили гармии мақоми номбурда муайянкарда, бояд тасдиқ карда шаванд.
3.5. Шартҳои шартнома бояд ба талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқ бошанд.

Дар мавриди зарурӣ ба шартномаи байни ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ мумкин аст шартҳои иловагӣ, ки ба қонунгузории амалкунанда ва Қоидаҳои мазкур зид нестанд, дароварда шаванд.
3.6. Шартҳои шартнома эътибори худро дар давоми муҳлати амали шартнома нигоҳ медоранд. Тағйир намудани шартҳои шартнома бо мувофиқаи хаттии тарафҳо имкон дорад.

3.7. Агар ташкилоти гармитаъминкунанда ё муштарӣ, бо сабаби розӣ набудан бо шартҳои шартнома, аз имзои шартнома даст кашанд, он гоҳ тарафҳо ҳуқуқ доранд дар муҳлати як моҳ, аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома, бо тартиби муқарраркардашуда маводҳоро барои дида баромадан ба мақомоти дахлдор супоранд.
3.8. Дар ҳолати бекор кардани шартнома, аз ҷумла даст кашидан аз дароз намудани муҳлати амали шартнома, тарафҳо бояд якдигарро на дертар аз як моҳ пешакӣ огоҳ намоянд.

Ҳангоми аз як шахс ба шахси дигар гузаштани ҳуқуқи моликияти иншоот, шартномаи нав бояд баста шавад.
3.9. Ба шакли буғ ва оби гарм додани энергияи гармии ҳадди аксари яксоата барои корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо вобаста бо имкониятҳои техникии манбаҳои гармӣ (истгоҳҳо, дегхонаҳо) ва имконияти гармигузаронии хатҳои интиқоли гармӣ аз тарафи ташкилоти гармитаъминкунанда муқаррар карда мешавад ва дар шартнома қайд мегардад.

Зиёд намудани сарбории ҳадди аксар ва миқдори энергияи гармии истфодашаванда нисбат ба миқдори дар шартнома пешбинишуда, танҳо бо иҷозати ташкилоти гармитаъминкунанда баъди иҷро намудани шартҳои техникӣ аз тарафи истифодабаранда ва дохил намудани тағйиротҳои зарурӣ ба шартнома мумкин аст.

## БОБИ 4. ИҶОЗАТИ ИСТИФОДАИ ДАСТГОҲҲОИ ГАРМИИСТИФОДАБАРАНДАИ МУШТАРИҲО

4.1. Ҳамаи системаи гармиистифодабарии навсохташуда ё таҷдидгардидаи муштариҳо мутобиқи ҳуҷҷатҳои лоиҳавии бо ташкилоти гармитаъминкунанда мувофиқашуда, меъёр ва қоидаҳои сохтмон ва соҳаи энергетика бояд иҷро шуда, бо ҳуҷҷатҳои техникӣ ва қабулу супоридан таъмин бошанд.
4.2. Системаҳои гармиистифодабарӣ пеш аз ба кор даровардан ва пеш аз мавсими гармкунӣ бояд аз озмоиши қабулу супоридан гузаранд.

Ба истифода додани системаи гармиистифодабарии навсохташуда ва таҷдидшавандаи истифодабарандагон, инчунин пеш аз саршавии мавсими гармкунӣ, танҳо баъд аз гирифтани иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика мумкин аст.

Иҷозати истифодаи системаи гармиистифодабарии муштариҳо баъд аз бартараф намудани ҳамаи нуқсон ва камбудиҳои ҳангоми гузаронидани муоина ошкоршуда, мавҷудияти ҳайати кормандони тайёркардашуда ва таъин намудани шахси масъули хоҷагии энергетикӣ дода мешавад.
4.3. Ташкилоти гармитаъминкунанда пайвасти системаи гармиистифодабарии муштариҳоро баъд аз озмоиш (санҷиш)-и дуҳафтаинаи онҳо ва гирифтани иҷозати онҳо, инчунин бартараф намудани нуқсонҳои ҳангоми озмоиш ошкоргардида ба анҷом мерасонад.

## БОБИ 5. НАСБ ВА ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ БАҲИСОБГИРӢ

5.1. Системаи гармиистифодабарии муштарӣ бояд бо воситаҳои баҳисобгирии ҳисобии энергияи гармӣ барои ҳисоббаробаркунӣ бо ташкилоти гармитаъминкунанда таъмин бошад.
5.2. Ба шабакаҳои гармӣ пайваст намудани системаи гармиистифодабарии муштарӣ, ки воситаҳои баҳисобгирии энергияи гармӣ барои ҳисоббаробаркунии энергияи гармӣ надоранд, манъ аст.

Ҳангоми набудани воситаи баҳисобгирӣ, ҳисоббаробаркунии энергияи гармӣ бо таври дар шартнома муқарраршуда (сарбории шарти техникӣ ва меъёри муқарраршуда) гузаронида мешавад.
5.3. Баҳисобгирии энергияи гармӣ дар нуқтаи ҷудошавии ҳудуди тобеияти тавозунии шабакаҳои гармии ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ бояд гузаронида шавад.

Ҳангоми насби воситаи баҳисобгирӣ берун аз нуқтаи ҷудошавии ҳудуди тобеияти тавозунӣ, ҳисобаробаркунии энергияи гармӣ бо даровардани талафоти энергияи гармӣ, дар қитъаи шабака аз нуқтаи ҷудошавӣ то ҷои насби воситаи баҳисобгирӣ, гузаронида мешавад.

Ҳисоби талафоти энергияи гармӣ ё гузаронидани санҷиш доир ба талафоти энергияи гармӣ, аз тарафи ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ анҷом дода мешавад.
5.4. Воситаҳои баҳисобгирии энергияи гармӣ аз ҷониби ташкилоти гармитаъминкунанда харидорӣ ва насб карда мешаванд.

Хизматрасонӣ (муоинаи техникӣ, таъмир), таъмини ҳифз, ивази саривақтии воситаҳои баҳисобгирии ҳисобӣ аз тарафи соҳибони воситаҳои мазкур гузаронида мешаванд.

Дар холати аз ҷониби истифодабарандагон насб намудани асбобҳои ченкунии диафрагмавӣ бояд намояндаи ташкилоти гармитаъминкунанда ҳузур дошта бошад.
5.5. Дар мавриди вайроншавии нақшаи пайвасти баҳисобгирии ҳисобӣ, шикаст ё дуздии ҷузъҳои вай, иваз намудан ва санҷиши давлатии воситаҳои баҳисобгирӣ ва назоратӣ аз ҳисоби тарафи гунаҳгор гузаронида мешавад.
5.6. Гиреҳи баҳисобгирии муштарӣ мумкин аст аз ҷониби худи ӯ барои гузаронидани назорати сифати энергия ва ҳомили гармӣ истифода шавад.

Набудани воситаҳои андозагирӣ, ки барои назорати сифати энергия ва ҳомили гармӣ заруранд, муштариро аз пешниҳод намудани даъво ба ташкилоти гармитаъминкунанда, барои паст будани сифати энергия ва ҳомили гармӣ, маҳрум менамояд.

Тартиби муайян намудани сифати энергияи ва ҳомили гармӣ дар шартнома нишон дода мешавад.
5.7. Ҳангоми тамоюли нишондодҳои речаи гармиистифодабарӣ аз бузургиҳои шартномавӣ, баҳодиҳӣ танҳо дар асоси нишондодҳои воситаҳои андозагирии дар гиреҳи баҳисобгирии ҳисобии энергия ва ҳомили гармӣ насбшуда, гузаронида мешавад.

Барои гузаронидани баҳодиҳии тамоюлҳо, бо розигии тарафҳо, мумкин аст воситаҳои андозагирии интиқолии (переносной) бо тартиби муқарраршуда аттестатсияшуда, истифода шаванд.
5.8. Санҷиши даврии давлатии воситаҳои баҳисобгирии ҳисобӣ, дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи стандарти давлатӣ, бояд гузаронида шаванд.

## БОБИ 6. ИСТИФОДАБАРИИ ДАСТГОҲҲОИ ГАРМИИСТИФОДАБАРАНДА ВА ШАБАКАҲОИ ГАРМӢ АЗ ҶОНИБИ МУШТАРИҲО

6.1. Ҳудуди ҷавобгарӣ барои ҳолат ва хизматрасонии системаи гармиистифодабарӣ байни ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ аз рӯи тобеияти тавозунӣ муайян ва дар санади ба шартнома замимашаванда қайд карда мешавад.
6.2. Дар қубурҳои гармирасоне, ки ба ташкилоти гармитаъминкунанда тааллуқ доранд, набояд ягон таҷҳизот ва асбоби ба муштарӣ тааллуқдошта насб шуда бошад.
Дар як камера (чоҳ), дар қубури гармирасон набояд таҷҳизоте, ки аз тарафи ташкилотҳои гуногун хизмат расонида мешаванд, мавҷуд бошанд. Дар дастгоҳҳои амалкунанда, ки дар онҳо таҷҳизоти ба ташкилотҳои гуногун тааллуқдошта мавҷуданд, ҳамаи таҷҳизот ба тавозун ва хизматрасонии яке аз ташкилотҳо бояд гузаронида шаванд.
6.3. Қубурҳои гармирасони муштариҳои якка, нуқтаҳои гармӣ, системаи дохилии гармиистифодабарӣ дар тавозун ва истифодаи муштарӣ қарор доранд.
6.4. Муштарӣ барои ҳолати техникӣ ва истифодаи системаи гармитаъминкунии дар ихтиёраш буда, истифодаи сарфакоронаи энергияи гармӣ ва риояи интизоми фаврию танзимгарӣ, ҳифзи иншоот, коммуникатсия ва дастгоҳҳои гармии дар ҳудуди ӯ ҷойгирбуда, ҷавобгар аст.

## БОБИ 7. НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ ЭНЕРГЕТИКӢ

7.1. Назорати давлатии энергетикии риоя шудани стандартҳои муқарраргардида, меъёрҳо ва қоидаҳо дар ҷараёни истеҳсол, интиқол ва истифодаи энергия ва ҳомили гармӣ, ҳангоми истифодабарии системаҳои гармиистифодабаранда, аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика анҷом дода мешавад.
7.2. Иҷрои дастурҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика дар мӯҳлатҳои муқарраршуда барои ташкилотҳои гармитаъминкунанда ва муштариҳо, сарфи назар аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликият, ҳатмӣ мебошад.
7.3. Роҳбарони мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои гармитаъминкунанда ва истифодабарандагони энергияи гармӣ, ки талабҳои асосноки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетикаро иҷро намекунанд ё ба иҷрои он монеъ мешаванд, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.
7.4. Аз ҷониби шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика амалӣ намудани назорат ва муоинаи системаҳои гармиистифодабаранда, масъулияти риояи санадҳои меъёрии техникии соҳаи энергетика, аз ҷумла Қоидаҳои мазкурро, аз ташкилотҳои гармитаъминкунанда ва муштариҳо бекор намекунад.

## БОБИ 8. ВАЗИФА, ҲУҚУҚ ВА МАСЪУЛИЯТИ ТАШКИЛОТИ ГАРМИТАЪМИНКУНАНДА ВА МУШТАРӢ

8.1 Ташкилоти гармитаъминкунанда вазифадор аст:

а) ба муштарӣ аз шабакаи пайвастшуда дар ҳаҷми шартномавӣ ва аз рӯи реҷаи мувофиқашуда энергияи гармиро дар шакли буғ ва оби гарм интиқол диҳад, нишондиҳандаҳои ҳомили гармӣ (буғ ва оби гарм)-ро нигоҳ дорад, ба тамоюли нишондиҳандаҳои шартномавӣ зиёда аз ±10% роҳ надиҳад;
б) ҳарорати оби аз шабака додашавандаро мутобиқи ҷадвали муқарраршуда нигоҳ дорад, ба тамоюли он зиёда аз ±10% роҳ надиҳад, дар ин сурат ҳарорат ҳамчун ҳисоби миёнаи ҳарорати шабонарӯзӣ шуморида мешавад;
в) дар ҳудуди ҷавобгарии истифодабарӣ нишондодҳои шартномавии фишор ва ҳарорати буғ, ҳарорати оби шабакавӣ дар қубури гармигузаронӣ ва фишори оби шабакавиро дар қубурҳои интиқолӣ ва бозгаштӣ нигоҳ дорад;
г) реҷаҳои гидравликӣ ва гармии системаи гармитаъминкунӣ, ки фаъолияти мунтазами системаи гармиистифодабарии муштариро бо нишондодҳои мувофиқи шартҳои техникӣ ҳисобкардашуда таъмин менамояд, таҳия ва амалӣ намояд;
д) ҷадвалҳои маҳдудкунӣ ва қатъ намудани муштариҳоро дар ҳолатҳои норасоии тавоноии гармии манбаҳои гармӣ ё қобилияти гузаронишии шабакаҳои гармӣ, инчунин дар мавриди ба вуҷуд омадани садама, таҳия ва бо муштариҳо мувофиқа намояд;
е) бо хоҳиши муштарӣ бузургиҳои шартномавии истифодаи энергия ва ҳомили гармиро, дар доираи ҳаҷми бо шартҳои техникӣ муқарраршуда, тағйир диҳад;
ж) оид ба пайваст намудани истифодабарандагон қарор қабул намояд;
з) шабакаҳои гармии худро барои интиқоли транзитии энергияи гармӣ пешниҳод намояд;
и) ҳангоми сар задани вайрониҳо, вобаста ба таваққуфи гармитаъминкунӣ, муштариҳоро фавран хабардор намояд:
к) дастурҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетикаро иҷро намояд;

л) ҳангоми истифодабарии системаи гармиистифодабарӣ талаботҳои «Қоидаҳои истифодабарии техникии дастгоҳҳои гармиистифодабаранда ва шабакаҳои гармӣ» ва «Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодабарии дастгоҳҳои гармиистифодабаранда ва шабакаҳои гармӣ»-и амалкунандаро қатъиян риоя намояд.

8.2. Ташкилоти гармитаъминкунанда ҳуқуқ дорад:

а) риояи реҷаи шартномавии гармиистифодабарӣ ва ҳолати баҳисобгирии ҳисобиро назорат кунад;

б) бо пешакӣ огоҳ намудани истифодабаранда дар ҳолатҳои зерин интиқоли энергияи гармиро ба ӯ қисман ё пурра қатъ намояд:

- дар мӯҳлати муқарраршуда пардохт накардани ҳуҷҷати пардохт;
- худсарона ба шабакаи гармӣ пайваст намудани зермуштариҳо, сехҳои нав ва дастгоҳҳо ё қисматҳои алоҳидаи онҳо;
- ба истифода додани системаҳои гармиистифодабарӣ бе иштироки намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика;
- пайваст намудани системаҳои гармиистифодабарӣ то асбобҳои баҳисобгирӣ;
- сарфи исрофкоронаи энергияи гармӣ, дуздии он, роҳ додан ба ихроҷ ва ифлосшавии оби шабака;
- ҳолати ғайриқаноатбахши системаи гармиистифодабарӣ, ки хавфи ба садама оварда расондан дорад ва ё ба ҳайати хизматрасон таҳдид менамояд;
- бе розигии ташкилоти гармитаъминкунанда барзиёд намудани гармиистифодабарӣ нисбат ба нақшаи муқарраршуда, сарбории ниҳоии яксоатаи шартномавӣ ё ҳарорати оби шабакавии баргашта муқобили ҷадвал ба зиёда аз 3°С;
- бозгардонидани камтар аз 90% миқдори конденсати бо шартнома пешбинишуда;
- ҳангоми набудани кормандони махсус барои истифодабарии системаи гармиистифодабарӣ;
- роҳ надодан ба намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика ва ё шахсони масъули ташкилоти гармитаъминкунанда ба системаи гармиистифодабарӣ ва асбобҳои баҳисобгирии энергияи гармӣ.

в) дар ҳолати ба вуҷуд омадани норасоии садамавии энергияи гармӣ бо тартиби муқарраршуда ҷадвали маҳдудкунии истифодабарӣ ва қатъи интиқоли энергияи гармиро ворид намояд;

г) барои гузаронидани таъмири ғайринақшавии таҷҳизот ва шабакаҳои гармӣ ё пайваст намудани муштариҳои нав, дар мувофиқа бо муштарӣ интиқоли ҳомили гармиро ба вай қатъ намояд;

д) ҳангоми тайёр набудани шабакаҳои гармӣ ва системаи гармиистифодабарии истифодабаранда ба кор дар давраи гармкунии дар пешистода, аз интиқоли ҳомили гармӣ даст кашад;

е) дар доираи муқаррарнамудаи шартнома бо муштарӣ муқоисаи қарздориро барои энергияи истифодашуда бо роҳи ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, гузаронад;

ж) аз муштарӣ подоши хароҷотҳои дар натиҷаи бо дархости муштарӣ тағйир додани миқдори шартномавии гармиистифодабарӣ ба вуҷудомадаро, талаб намояд.

8.3. Ташкилоти гармитаъминкунанда барои пурра надодани миқдори шартномавии энергияи гармӣ ва паст шудани нишондиҳандаҳои ҳомили гармӣ, ки бо сабабҳои зерин ба амал омадаанд, дар назди муштарӣ масъулият надорад:

а) дар натиҷаи танзими реҷаи истифодаи энергия ва ҳомили гармӣ, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида шудаанд;

б) дар мавриди ҷой доштани ҳолатҳои ногаҳонӣ, аз ҷумла вобаста ба ҳодисаҳои табиат, тамоюли аз ҳадди ҷоиз аз меъёрҳои лоиҳавӣ ва қоидаҳо;

в) иҷрои дастури мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика;

г) маҳдуднамоӣ ё пурра қатъ намудани энергияи гармӣ барои дар мӯҳлатҳои шартномавӣ пардохт накардани маблағи энергияи гармии истифодашуда;

д) амали нодурусти ҳайати кормандони муштарӣ, ки аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика тасдиқ шудаанд;

е) шикасти таҷҳизоти муштарӣ, ки сабаби бо таври автоматӣ аз кор бозмондани истгоҳҳои обкашӣ ва таҷҳизоти дигари шабакаи гармӣ гардидааст.

8.4. Муштарӣ вазифадор аст:

а) ба истифодаи энергияи гармӣ зиёда аз нишондиҳандаҳои шартномавӣ роҳ надиҳад ва реҷаи истифодабарии аз ҷониби ташкилоти гармитаъминкунанда додашударо риоя намояд;

б) супоришҳои фаврии ташкилоти гармитаъминкунандаро иҷро намояд;

в) талаботҳои «Қоидаҳои истифодабарии техникии дастгоҳҳои гармиистифодабаранда ва шабакаҳои гармӣ», «Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодабарии дастгоҳҳои гармиистифодабаранда ва шабакаҳои гармӣ» -и амалкунандаро қатъиян риоя намояд;

г) таҷҳизоти гармиистифодабаранда, қубурҳои гармигузар, асбобҳои назоратию андозагирӣ, оиқбандии қубурҳои гармигузар ва таҷҳизоти гармиистифодабарандаро дар ҳолати дурусти техникӣ нигоҳ дорад;

д) таъмири нақшавию пешгирикунанда ва озмоиши қубурҳои гармигузар, таҷҳизоти гармиистифодабарӣ, арматураҳои қулфӣ ва танзимкунандаро саривақт гузаронад, ҳаҷм, мӯҳлат ва ҷадвалҳои таъмирҳоро бо ташкилоти гармитаъминкунанда мувофиқа намояд, системаҳои гармиистифодабарӣ ё қисмҳои алоҳидаи онҳоро баъд аз таъмири нақшавӣ (тобистона) ё барқарорсозӣ, танҳо бо иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика, дар ҳузури намояндаҳои ташкилоти гармитаъминкунанда пайваст намояд;

е) ташкилоти гармитаъминкунандаро оиди ҳамаи вайрониҳо ва носозиҳо дар кори системаи гармиистифодабарӣ, воситаҳои андозагирӣ дар гиреҳҳои баҳисобгирии ҳисобии энергия ва ҳомили гармӣ фавран хабардор намояд, дар ҳолатҳои садамавӣ таъҷилан минтақаи харобшударо аз шабака ҷудо намояд ва таъмири фаврии онро бо қувва ва воситаҳои худ таъмин намояд, оид ба пешгирӣ намудани бароварданн таҷҳизоти гармиистифодбаранда бо сабаби яхбандии системаи гармиистифодабарӣ чораҳо андешад;

ж) дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба ташкилоти гармитаъминкунанда маълумотномаҳоро оид ба сарфи энергия ва ҳомили гармӣ пешниҳод намояд;
з) дар якҷоягӣ бо ташкилоти гармитаъминкунанда ҳар сол то саршавии давраи гармидиҳӣ чорабиниҳои маҳдудкунии истифодаи энергия ва ҳомили гармӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани норасоии тавоноии гармӣ дар манбаъҳои гармиро, таҳия намояд;
и) талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии техникии амалкунандаро оид ба ҳифз намудани шабакаҳои гармӣ риоя намояд;
к) ҳифзи тамғаҳои аз тарафи ташкилоти гармитаъминкунанда гузошташударо таъмин намояд;
л) бо миқдор, сифати шартномавӣ муқарраршуда ва ҳарорати мувофиқ конденсат ва оби шабакавиро бозгардонад, ба зиёд аз ҳаҷмҳои шартномавӣ рехтан ва гирифтани оби шабака, инчунин ба зиёд шудани ҳарорати об дар қубури гармигузари баргарданда дар муқоиса бо ҷадвали ҳароратӣ роҳ надиҳад;
м) нақша-чорабиниҳои ташкилию техникӣ оид ба сарфаи энергияи гармӣ, беҳтар намудани гармиистифодабарӣ, истифода намудани захираҳои энергетикии дуюмдараҷаро таҳия ва татбиқ намояд;
н) тавозунҳои буғу конденсатро барои тамоми корхона ва таҷҳизоти гармидиҳандаи алоҳида, ҳуҷҷатҳоро оид ба эътимоднокии гармитаъминкунии корхона тартиб диҳад;
о) нақшаҳои иҷроишӣ ва шиносномаҳои ҳамаи шабакаҳои гармӣ ва таҷҳизоти гармиистифодабаранда, инчунин дастурамалҳои истеҳсолӣ оид ба истифодабарии онҳоро дошта бошад;
п) воситаҳои автоматии шабакаҳои гармӣ ва таҷҳизоти гармиистифодабарандаро ҷорӣ намояд;
р) хизматрасонии системаи гармиистифодабариро аз ҷониби ҳайати тайёршуда таъмин намояд, санчиши дониши онҳоро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда гузаронад;
с) дар хати интиқоли қубури гармигузар ба сохтмони иморатҳо, ҷамъ кардани масолеҳ, шинондани дарахтҳо дар масофаи на камтар аз 5 метр аз қубурҳои гармигузар, анҷом додани корҳои заминӣ бе иҷозати ташкилоти гармитаъминкунанда, инчунин ба қарор доштани одамҳо дар биноҳое, ки аз онҳо қубурҳои шабакаҳои гармигузар мегузаранд роҳ надиҳад;
т) дар ҳама соатҳои шабонарӯзӣ ба намояндаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи энергетика барои иҷрои вазифаҳои худ бемамониат роҳ диҳад;
у) ба кормандони ташкилоти гармитаъминкунанда барои гузаронидани корҳо дар шабакаҳои гармӣ ва дастгоҳҳои худӣ, ки дар ҳудуди истифодабаранда ҷойгир мебошанд, бемамониат роҳ диҳад. Ташкилоти гармитаъминкунанда вазифадор аст, баъд аз ба охир расонидани корҳо аз ҳисоби худ ҳудуд ва биноро, ки дар он ҷой корҳо иҷро карда шудаанд, ба ҳолати аввала баргардонанд.
8.5. Муштарӣ ҳуқуқ дорад:
а) дар муддати амали шартнома, оид ба тағйир додани бузургиҳои шартномавии истифодаи энергия ва ҳомили гармӣ, пешниҳодҳо дарорад;
б) гузаронидани санҷиш ё ҳангоми носозӣ иваз намудани асбобҳои баҳисобгирии ҳисобии энергия ва ҳомили гармии ба ташкилоти гармитаъминкунанда тааллуқдоштаро талаб намояд;
в) аз ташкилоти гармитаъминкунанда барои гузаронидани корҳои таъхирнопазир қатъ намудани шабакаҳои гармии худро талаб намояд;
г) миқдори энергияи гармии бо сифати паст додашударо бо нархи мутаносибан пасткардашуда пардохт намояд (муштарӣ дар ин ҳолат ҳуқуқи бо қонунгузорӣ муқарраршудаи подоши зарари воқеии аз иҷрои номуносиби қарордодҳои шартномавӣ дидаашро, гум намекунад);
д) аз ташкилоти гармитаъминкунанда, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳи ӯ, пардохти ҷаримаи пушаймониро (неустойка), барои надодани миқдори шартномавии энергияи гармӣ, талаб намояд. Дар ин маврид подоши зарари воқеӣ ба қисме гузаронида мешавад, ки бо ҷаримаи пушаймонӣ пӯшида нашудааст.
8.6. Ташкилоти гармитаъминкунанда ва муштарӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номақбули масъулиятҳои шартномавӣ ҷавобгар мебошанд.
8.7. Ҳангоми интиқоли энергияи гармӣ бо сифати паст (бо тамоюли аз нишондиҳандаҳои муқарраршуда зиёда аз ҳадди ҷоиз), ташкилоти гармитаъминкунанда ба андозаи 25%-и арзиши энергияи интиқолшуда ҷарима месупорад.
8.8. Дар сурати бо айби ташкилоти гармитаъминкунанда паст шудани нишондиҳандаҳои буғи барои эҳтиёҷоти технологӣ додашаванда зиёда аз 25% нисбат ба нишондиҳандаҳои шартномавӣ истифодабаранда ҳуқуқ дорад, бо пешакӣ огоҳ намудани ташкилоти гармитаъминкунанда, истифодаи энергияи гармиро қатъ намояд.

Дар ин ҳолат ташкилоти гармитаъминкунанда дар назди истифодабаранда мутобиқи банди 8.9. ҷавобгар аст.
8.9. Дар мавриди бо айби ташкилоти гармитаъминкунанда дар гармитаъминкунии истифодабаранда таваққуф ба вуҷуд ояд, он гоҳ ташкилоти мазкур аз рӯи шартҳои шартнома ба андозаи 3-каратаи арзиши энергияи гармии доданашуда ба муштарӣ ҷарима месупорад.
8.10. Давраи вақти маҳдуд намудани истифодаи энергияи гармӣ ва сабабҳои кам кардани интиқоли энергияи гармӣ аз рӯи асбобҳои сабткунанда ва қайдҳои воқеии аввал ва охири маҳдудкунӣ дар китоби амалиётии хадамоти танзимгарии ташкилоти гармитаъминкунанда ё муҳандиси навбатдори истгоҳ, ки энергияи гармиро интиқол медиҳад, муайян карда мешавад.

Интиқоли нопурраи энергияи гармӣ ба эҳтиёҷоти технологии истифодабаранда бо айби ташкилоти гармитаъминкунанда ҳар шабонарӯз аз рӯи асбобҳои баҳисобгирӣ ҳамчун фарқи байни бузургии истифодаи миёнаи шабонарӯзии энергияи гармии се шабонарӯзи охир пеш аз маҳдудкунӣ ва истифодаи воқеӣ дар он шабонарӯзҳое, ки маҳдудкунӣ ҷой дошт, муайян карда мешавад.
8.11. Ташкилоти гармитаъминкунанда бо нишондиҳандаҳои паст додани энергияи гармӣ дар ҳамон шабонарӯзҳое, ки дар давоми онҳо истифодабаранда энергияи гармиро нисбат ба меъёри шартномавӣ (лимит) бештар истифода намудааст ё низоми барои ӯ муқарраршудаи истифодаи энергияи гармиро риоя накардааст, дар назди истифодабаранда масъулияти моддӣ надорад.

8.12. Ташкилоти гармитаъминкунанда дар муддати 6 моҳи ба шабакаи гармӣ пайваст намудани истифодабаранда барои интиқоли энергияи гармӣ бо нишондиҳандаҳои паст ё барои интиқоли нопурраи энергияи гармӣ аз истгоҳҳои барқӣ ё шабакаҳои гармӣ, ки дар истифодаи муваққатӣ қарор доранд, дар назди истифодабаранда масъулияти моддӣ надорад.
8.13. Ташкилоти гармитаъминкунанда аризаи хаттии истифодабарандаро оид ба интиқоли нопурраи энергияи гармӣ баррасӣ намуда, дар муддати 10 рӯз аз рӯзи гирифтани аризаи истифодабаранда мутобиқи Қоидаҳои мазкур ҷарима месупорад.
8.14. Истифодабарандаи энергияи гармӣ барои дар давраи ҳисобӣ аз миқдори шартномавӣ барзиёд истифода намудани энергияи гармӣ андозаи 5-каратаи арзиши энергияи гармии истифоданамудаашро ба ташкилоти гармитаъминкунанда пардохт менамояд.

## БОБИ 9. ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ЭНЕРГИЯ ВА ҲОМИЛИ ГАРМИИ ИСТИФОДАШУДА

### 9. 1. Муқаррароти умумӣ

9.1.1. Ҳисоббаробаркунии энергия ва ҳомили гармии аз тарафи муштарӣ истифодашуда тибқи тартиби муқарраршуда бо истифода аз нархномаи амалкунанда дар асоси нишондоди воситаҳои баҳисобгирӣ анҷом дода мешавад.
9.1.2. Назорати дуруст истифода намудани нархҳо ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад.
9.1.3. Муштарӣ бо тартиби муқарраркардаи Қоидаҳои мазкур ҳамаи миқдори энергияи гармии истифодакардаашро, аз он ҷумла дар таркиби ҳомили гармии ба шабакаи гармӣ баргардониданашударо, пардохт менамояд.
9.1.4. Ҳангоми дар муштарӣ мавҷуд набудани воситаҳои андозагирӣ, ки ҳарорати оби шабакаро дар қубурҳои интиқолӣ ва бозгашт қайд менамоянд, ҳарорати ҳисоби миёнавӣ дар ин қубурҳо дар давраи ҳисобӣ, аз рӯи ҷадвали ҳароратии ба шартнома замимашуда, муайян карда мешавад ё бо розигии хаттии муштарӣ – аз рӯи ҳарорат дар қубурҳои интиқол ва бозгашт дар манбаи гармӣ.
9.1.5. Миқдори энергия ва ҳомили гармии интиқолшаванда, сарбории гармӣ (тавоноӣ) ва сарфи ниҳоии яксоатаи ҳомили гармӣ барои гармкунии биноҳо ва иншоот, ки дар шартнома нишон дода шудааст, бо назардошти ҳарорати миёнамоҳии банақшагирифташавандаи (пешбинишаванда) ҳавои беруна, муайян карда мешавад.

Дар мавриде, ки агар ҳарорати миёнамоҳии воқеии ҳавои беруна аз банақшагирифташаванда (пешбинишаванда) паст бошад, он гоҳ зиёдшавии бузургии истифодаи энергияи гармӣ бар муқобили бузургии шартномавӣ, ҳамчун сарфи берун аз меъёр ҳисобида намешавад, бо шарте, ки агар сарфи оби шабака дар қубури интиқолӣ берун аз ҳадди шартномавӣ набошад.
9.1.6. Барои муштариҳое, ки воситаҳои андозагирии ҳисобии энергия ва ҳомили гармӣ надоранд, миқдори энергияи гармии интиқолнашуда бо розигии тарафҳо бо роҳи ҳисоб муайян карда мешавад.
9.1.7. Дар мавриди ошкор намудани нодурустӣ дар нишондодҳои воситаҳои баҳисобгирии ҳисобӣ, ҳисоббаробаркунии сарфи энергия ва ҳомили гармӣ ҳамчун барои муштарии муваққатан асбоби баҳисобгирӣ надошта аз аввали давраи ҳисоб, аммо на кам аз ҳолати кор кардани ҳисобгираки гармӣ, анҷом дода мешавад.
9.1.8. Ҳангоми дар гиреҳи баҳисобгирии ҳисобии энергия ва ҳомили гармии муштарӣ мавҷуд набудани воситаҳои андозагирӣ, ки ҳарорати оби шабакаро дар қубури бозгашт қайд менамояд, ташкилоти гармитаъминкунанда ҳуқуқ дорад, ин ҳароратро аз рӯи воситаҳои андозагирии нишондиҳанда ё интиқолии (переносной) аттестатсияшуда назорат намояд.
9.1.9. Ҳангоми дар муштарӣ набудани восита ва системаҳои андозагирӣ, ҳамаи маълумотҳои зарурӣ, бо ҳисоби талафоти энергия ва ҳомили гармӣ то сарҳади ҷудокунии масъулияти истифодабарӣ, дар асоси нишондҳои дар гиреҳи баҳисобгирии ҳисобии манбаи гармӣ андозакардашуда, қабул карда мешаванд.
9.1.10. Агар дар муштарие, ки буғро истифода мебарад, дар гиреҳҳои баҳисобгирии ҳисобии энергия ва ҳомили гармӣ воситаҳои андозагирӣ набошад ё вайрон бошад, муайян намудани истифодаи энергия ва ҳомили гармӣ бо роҳи ҳисоб дар асоси тавозуни буғи конденсатӣ анҷом дода мешавад. Номгӯи нишондиҳандаҳо ва манбаи маълумотҳои дар ҳисоб истифодашаванда, дар шартнома муқаррар карда мешавад.
9.1.11. Талафоти энергияи гармӣ дар шабакаҳо, аз сарҳади тобеияти тавозунӣ то ҷои насби асбобҳои баҳисобгирии ҳисобӣ, ба соҳиби шабака нисбат дода мешавад. Тартиби муайян намудани талафот ва бузургиҳои он дар шартнома муқаррар карда мешаванд.

Талафоти энергияи гармӣ дар шабакаи муштарие, ки бо интиқоли энергияи гармӣ ба муштариҳои дигар вобаста мебошад, ба ҳисоби муштарии мазкур, мутаносибан ба ҳиссаи истифода нисбат дода мешавад.
9.1.12. Талафоти энергияи гармии шабакаҳои асосии истифодабарандагон дар байни онҳо ва зермуштариҳо мутаносибан бо ҳиссаи энергияи гармии истифоданамудаи онҳо ва дарозии шабакаи гармӣ тақсим карда мешавад.
9.1.13. Ҳангоми интиқоли транзитии энергияи гармӣ ба шабакаи ташкилоти гармитаъминкунанда тавассути шабакаи соҳибмулки дигар, қисми талафоти энергияи гармӣ дар сарҳади ин шабакаҳо мутаносибан ба шабакаи ташкилоти гармитаъминкунанда мансуб дониста мешавад.
9.1.14. Ҳангоми аз тарафи истифодабаранда ошкор кардани нодурустӣ дар нишондодҳои асбобҳои назоратию андозагирӣ ё дар ҳисоби энергияи гармӣ, истифодабаранда бояд фавран дар ин бобат ба ташкилоти гармитаъминкунанда ба таври хаттӣ хабар диҳад.

Ташкилоти гармитаъминкунанда вазифадор аст, дар муддати 10 рӯз (аз рӯзи воридшавии аризаи истифодабаранда) асбобҳои назоратию андозагирӣ ё дуруст будани ҳисобҳои аз рӯи онҳо гузаронидашударо тафтиш кунад ва оид ба натиҷаҳои санҷиш истифодабарандаро огоҳ намояд.

9.1.15. Дар ҳолати нодуруст будани нишондоди асбобҳои назоратию андозагирӣ ташкилоти гармитаъминкунанда вазифадор аст, барои давраи охирини ҳисобӣ аз нав ҳисоббаробаркунии энергияи гармии истифодашударо гузаронад.

Аз нав ҳисоббаробаркунӣ барои давраи охирини баҳисобгирӣ дар асоси нишондодҳои асбобҳои таъмиркардашуда ё навнасбшуда, ҳангоми навиштани варақаи пардохти навбатӣ, бо назардошти истифодаи энергияи гармӣ дар давраи ҳисоботии ҷорӣ, анҷом дода мешавад.

9.1.16. Тамоюл дар нишондодҳои асбобҳои назоратию андозагирӣ ҷоиз ҳисоб карда мешаванд, агар онҳо аз меъёрҳои муқаррарнамудаи стандарти давлатӣ зиёд набошанд.

Агар сарфи ҳомили гармӣ аз рӯи нишондоди асбоб аз 30% андозаи ҳадди аксари ҷадвал камтар бошад ва дар ин ҳолат асбобҳои баҳисобгирандаи сарфи кам низ мавҷуд набошанд, сарфе, ки баробар ба 30%-и андозаи ҳадди аксари ҷадвали асбоб мебошад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

9.1.17. Додани ариза оид ба гузаронидани тафтиши ҳолати асбобҳои назоратию андозагирӣ истифодабарандаро дар мӯҳлати муқарраршуда аз пардохт намудани арзиши энергияи гармии истифодашуда озод намекунад.

9.1.18. Барои худсарона пайваст намудани системаи гармиистифодабарӣ ё пайваст кардани онҳо пеш аз асбобҳои баҳисобгирӣ, истифодабаранда ба ташкилоти гармитаъминкунанда арзиши 5-каратаи энергияи гармии истифодашударо пардохт менамояд. Пардохт аз рӯзи охирин санҷиши истифодабаранда (барои дастгоҳҳои гармкунанда – аз ибтидои мавсими гармидиҳӣ), вале на зиёда аз мӯҳлати даъво, анҷом дода мешавад.

Даст кашидани истифодабаранда аз имзои санад ӯро аз пардохт намудан бо тартиби муқарраршуда озод намекунад.

9.1.19. Ҳамчун истифодабарандаи яклухт-харидафурӯши энергияи гармӣ, ташкилоти махсусгардонидашудаи ҳисоби хоҷагии ба ташкилоти гармитаъминкунанда тобеънабуда, ки дар тавозуни худ шабакаҳои гармӣ дорад, интиқол, тақсим ва фурӯши энергияи гармии гирифташударо ба истифодабарандагони гуногун ба анҷом мерасонад, ба ҳисоб меравад.

Ба истифодабарандагони яклухт-харидафурӯш корхонаҳои саноатӣ ва дигар корхона (ташкилот)-е, ки энергияи гармиро асосан барои эҳтиёҷоти худ гирифта, қисман онро ба воситаи шабакаҳои худ ба дигар истифодабарандагон интиқол медиҳанд, дохил намешаванд.

Истифодабарандагони яклухт-харидафурӯш тавоноии нав ва иловагиро танҳо бо иҷозати ташкилоти гармитаъминкунанда ба шабакаи худ пайваст менамоянд.

9.1.20. Истифодабарандагони яклухт-харидафурӯш аз ташкилоти гармитаъминкунанда энергияи гармиро аз рӯи тарифи бо шартнома ё санадҳои меъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда харидорӣ менамоянд.

Истифодабарандагони яклухт-харидафурӯш бо муштариёни худ ҳисоббаробаркуниро бо тарифи барои гурӯҳҳои алоҳидаи истифодабарандагон муқарраркардаи Нархнома бояд амалӣ намоянд.

9.1.21. Хароҷоти аз ҷиҳати химиявӣ тайёр кардани об дар истгоҳи барқию гармӣ (МБГ), ҳангоми бознагардондани конденсат аз тарафи истифодабарандагон ё гирифтани оби гарм аз системаи кушода ва маҳками таъминоти об ба тарифҳо барои энергияи гармӣ дохил намешаванд. Аз ин рӯ истифодабарандагон ғайр аз пардохти энергияи гармӣ аз рӯи тариф, инчунин барои буғ ва оби гарм хароҷоти ташкилоти таъминкунандаи баркро, ки бо бозгашт нашудани конденсат ё оби гарм аз рӯи тарифи дар ташкилоти гармитаъминкунанда барои аз ҷиҳати химиявӣ тайёр намудани об ва таҳияи оби бенамак вобаста аст, мепардозанд.

### 9.2. Муайян намудани миқдори энергияи гармӣ дар буғ, ки ба муштарӣ интиқол дода мешавад

9.2.1. Миқдори қувваи гармӣ дар гигакалорияҳои ба истифодабарандагон додашуда дар ҳудуди ҷудошавии шабакаҳои гармии ташкилоти таъминкунандаи гармӣ ва истифодабаранда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳудуди тақсимот мувофиқи тобеияти тавозунии шабакаҳои гармӣ муайян гардида, дар шартнома сабт карда мешавад.

Ҳамаи хароҷот оид ба интиқол ва талафоти энергияи гармӣ то ҳудуди тақсимоти шабакаҳои ташкилоти таъминкунандаи гармӣ ва истифодабаранда дар тарифҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд ва пардохти иловагии зиёда аз тарифҳоро талаб намекунад.

Ҳамаи хароҷот ва талафоти энергияи гармӣ баъд аз ҳудуди тақсимоти шабакаҳо ба ҳисоби истифодабаранда мансуб аст.

9.2.2. Миқдори энергияи гармии дар шакли буғ ба истифодабаранда додашаванда ҳамчун миқдори буғи истеҳсолшуда барои таъминоти гармии ӯ, ки бо андозаҳои муқарраршуда истеҳсол шуда, дар шартнома зикр шудааст, муайян карда мешавад.

Дар ин ҳолат миқдори гармии дар баромади оби манбаи таъминот ҳосилшуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

Миқдори энергияи гармие, ки бо конденсат аз тарафи истифодабаранда бозгардонда мешавад, ҳамчун миқдори конденсати ҳосилшудаи дар гармиғунҷоиш ва ҳарорат бо дарназардошти гармии дар оби бароянда мавҷуда, муайян карда мешавад.

Андозаи пардохти истифодабаранда барои конденсати бозгардондашуда мувофиқи шартнома бо дарназардошти гармӣ аз рӯи арзиши аслии сӯзишвории ҷамъшудаи 1 Гкал гармии ташкилоти таъминкунандаи гармӣ муайян карда мешавад.

9.2.3. Дар шартнома, барои интиқоли энергияи гармӣ барои ҳар як намуд ва нишондиҳандаи гарминигоҳдорӣ бори ҳадди аксари яксоата ва ҳаҷми умумии интиқоли энергияи гармӣ ба муштарӣ муқаррар карда мешавад.
9.2.4. Агар дар истгоҳи барқӣ ҳангоми иқтидори мавҷудбуда миқдори зарурии буғи интихобӣ набошад ва ташкилоти гармитаъминкунанда бо ин сабаб барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти истифодабаранда ба таври иловагӣ буғи тез диҳад, он гоҳ ҳисоббаробаркунӣ бо истифодабаранда ба таври ҷудогона - барои буғи интихобӣ ва буғи тез анҷом дода мешавад. Дар сурати аз тарафи истифодабаранда рад карда шудани истифодаи буғи тез шартнома барои додани энергияи гармӣ дар шакли буғ танҳо ба он миқдори буғи интихобӣ баста мешавад, ки истгоҳи барқӣ имконияти бо ин буғ таъмин кардани истифодабарандаро дорад.

Агар дар истгоҳи барқӣ турбинаҳои гирифтани буғи интихобии бо нишондодҳои барои истифодабарандаи зарурӣ мавҷуд набошанд ва барои қонеъ гардонидани талаботи вай истгоҳи барқӣ маҷбур аст, буғи интихобиро то нишондиҳандаҳои зарурӣ гарм кунад, ҳисоббаробаркунӣ барои ин гуна буғ монанди додани буғи тез анҷом дода мешавад.
9.2.5. Дар ҳолати бе ризоияти муштарӣ ба ӯ, ба ҷои буғи интихобии шартномавӣ, буғи тез, редусиркардашуда дода шавад, ҳисоббаробаркунӣ бо муштарӣ аз рӯи тарифи буғи интихобӣ анҷом дода мешавад.
9.2.6. Тамоюл аз низоми истифодаи энергияи гармӣ набояд аз бузургии шартномавӣ +10% зиёд бошад.

Ҳангоми аз бузургии шартномавӣ зиёда аз +10% будани тамоюл аз низоми истифодаи энергияи гармӣ, мувофиқи шартҳои шартнома, чораҳои иқтисодӣ татбиқ карда мешаванд.
9.2.7. Ҳангомӣ аз ҷониби муштарӣ ба манбаи гармӣ баргардонида шудани буғи ғиҷимшуда, ташкилоти гармитаъминкунанда буғи қабулкардашударо аз рӯи нархнома бо арзиши буғи ҷудокардашудаи дорои нишондиҳандаҳои мувофиқ, бо назардошти зариби 0,5 пардохт мекунад.

**9.3. Муайян намудани миқдори энергияи гармӣ дар оби гарми ба муштарӣ додашуда**

9.3.1. Миқдори энергияи гармӣ дар оби гарми ба муштарӣ додашуда, ҳамчун ҳосили зарби миқдори об ба гармиғунҷоиши он ва фарқи ҳароратҳои оби шабакавии додашаванда ва баргардонидашаванда, муайян карда мешавад.

Ҳангоми системаи кушодаи гирифтани об, миқдори энергияи гармӣ дар оби гарми ба муштарӣ додашуда, ҳамчун ҳосили зарби миқдори об ба гармиғунҷоиши он ва фарқи ҳароратҳои оби гарми додашуда ва аввалие, ки ҳарорати он ҳамчун миёнаи моҳона қабул шудааст, муайян карда мешавад.
9.3.2. Ҳангоми дар шакли оби гарм истифода кардани энергияи гармӣ ва аз тарафи ташкилоти гармитаъминкунанда риоя намудани ҷадвали ҳароратӣ, муштарӣ оби шабакавии баргардонидашавандаро аз рӯи ҷадвал бо ҳарорати на зиёда аз нишондоди он, бозмегардонад.

Ҳарорати ҳомили гармии додашаванда аз тарафи ташкилоти гармитаъминкунанда, дар асоси пешгӯиҳои Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳарорати ҳавои берунӣ ва тибқи ҷадвали танзими ҳароратӣ дода мешавад.
9.3.3. Ҳангоми аз тарафи истифодабаранда зиёд карда шудани ҳарорати миёнаи шабонарӯзии оби бозгардандаи шабака ба андозаи бештар аз 5 °С нисбат ба нишондоди ҷадвал, ташкилоти таъминкунандаи гармӣ ба шарти риоя намудани ҳисоби миёнаи шабонарӯзии оби аз шабака интиқолшаванда бо тамоюли на зиёда аз ±5 °С ҳуқуқ дорад, ки интиқоли энергияи гармиро кам кунад ё ба истифодабаранда интиқоли онро тамоман қатъ намояд ё ки ҳисобро барои гармии интиқолшуда мувофиқи камузиёдшавии ҳарорат, ки дар ҷадвал барои истифодабаранда пешбинӣ шуда, аз тарафи системаи энергетикӣ ва замима ба шартнома дар назар дошта шудааст, ҳисобӣ кунад.
9.3.4. Энергияи гармие, ки ба истифодабаранда зиёда аз миқдори дар ҷадвал муқарраршуда дода шудааст, ҳангоми нисбат ба ҷадвал ба андозаи аз 5 °С зиёдтар будани оби додашавандаи шабака аз тарафи истифодабаранда пардохт карда намешавад, ба шарте ки дар ин бобат дар байни истифодабаранда ва ташкилоти таъминкунанда мувофиқа ҳосил шуда бошад.

Истифодабарандае, ки гармии аз истгоҳи барқӣ гирифтаашро барои иҷрои ягон чорабинӣ истифода мекунад ва ба ин восита ҳарорати оби бозгардандаи шабакаро нисбат ба нишондоди ҷадвал пасттар мегардонад, барои истифода бурдани ҳамон миқдоре, ки аз ҳисоби пастшавии ҳарорат истифода кардааст, ба ташкилоти гармитаъминкунанда музд намепардозад.
9.3.5. Ҳангоми системаи кушодаи таъминот бо оби гарм, агар андозаи тақсимоти об аз миқдори иҷозатдодашуда ва дар шартнома зикршуда зиёд набошад, истифодабаранда вазифадор аст, ки арзиши оби бароядаи гирифтаашро бо хароҷоти тозакунии химиявии об аз рӯи тарифи муқарраркардаи мақоми ваколатдори давлатӣ ба таври иловагӣ пардозад.
9.3.6. Ҳангоми аз тарафи муштарӣ нисбат ба миқдори шартномавӣ зиёд намудани ҳаҷми гирифтани об ё зиёд намудани сарфи об барои таъминоти шабака нисбат ба миқдори шартномавии ҳадди яксоата ё ҳангоми худсарона гирифтани оби шабака, муштарӣ арзиши 5-каратаи об, аз ҷумла арзиши тарифиро пардохт мекунад.

Рехташавии аз меъёр зиёди ҳомили гармӣ дар шабакаҳои гармии дар моликияти муштарӣ қарордошта, аз тарафи ташкилоти гармитаъминкунанда муайян карда мешавад ва дар санади дар ҳузури муштарӣ тартибдодашуда зикр карда мешавад.

Пардохт аз тарафи муштарӣ, барои давраи аз вақти тафтиши охирин, вале на зиёд аз муҳлати даъво, гузаронида мешавад. Саркашӣ аз имзо намудани санад, муштариро аз пардохт намудан озод намекунад.

**9.4. Муайян намудани миқдори конденсате, ки аз тарафи муштарӣ бозгардонида мешавад**

9.4.1. Ҳангоми дар шакли буғ истифода намудани энергияи гармӣ барои гармкунӣ, тозакунии ҳаво ва таъминот бо оби гарм, муштарӣ вазифадор аст ба ташкилоти гармитаъминкунанда на кам аз 90% конденсатро бозгардонад (агар ҳолати дигар бо мувофиқаи тарафҳо дар шартнома муқаррар шуда набошад).

Ҳангоми истифода намудани энергияи гармӣ дар шакли буғ барои мақсадҳои технологӣ, бозгардонидани конденсат аз рӯи миқдор ва сифати дар шартнома муқарраршуда ба амал оварда мешавад.

Миқдори конденсате, ки муштарӣ бояд ба истгоҳи барқӣ бозгардонад, тибқи маълумотҳои лоиҳавии системаи гармиистифодабарӣ, тавозуни конденсати буғи корхона ва бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомада оид ба богардонидан ва захираҳои мавҷуда муқаррар карда мешавад.

9.4.2. Миқдор ва сифати конденсати бозгардонидашавандаи муштарӣ бояд ба меъёрҳои шартномавӣ мувофиқ бошанд.

Миқдор ва сифати конденсати бозгардонидаи муштарӣ дар манбаи гармӣ (дегхона) муайян карда мешавад.

9.4.3. Муштарие, ки энергияи гармиро дар шакли буғ мегирад, инчунин харочоти марбут ба бознагардонидани конденсатро бояд ба ташкилоти гармитаъминкунанда пардохт намояд.

Муштарӣ барои миқдори конденсати дар ҳудуди меъёрҳои шартномавӣ бозгардониданашуда ба андозаи як баробар, аммо барои миқдори конденсати аз ба меъёрҳои шартномавӣ фарққунандаи бозгардонидашуда – бо арзиши 5-карата пардохт менамояд.

9.4.4. Дар ҳолати аз ҷониби муштарӣ аз миқдори шартномавӣ зиёд бозгардонидани конденсат, дар сурати риоя намудани сифати шартномавии он, ташкилоти гармитаъминкунанда аз маблағи умумии барои истифодаи энергияи гармӣ пардохтшаванда ба муштарӣ дар ҳаҷми 2-каратаи арзиши конденсате, ки нисбат ба миқдори шартномавӣ зиёд бозгардонида шудааст, ба таври тахфиф имтиёз муқаррар мекунад.

Имтиёзи мазкур ба истифодабаранда аз ҳисоб ва дар ҳаҷми маблағе, ки барои дар давоми сол бознагардондани конденсат ба амал омадааст, дода мешавад.

9.4.5. Ҳангоми аз ҷониби муштарӣ ба манбаи гармӣ бозгардонидани конденсате, ки сифати он ба нишондодҳои шартномавӣ мувофиқ нест, ташкилоти гармитаъминкунанда ба миқдори конденсати бозгардонидашуда зарибиислоҳкунандаи зеринро ворид мекунад:

0,8 - дар ҳолати истифодаи конденсат барои таъмини бухоркунандаҳо, буғтабдилкунандаҳо ё таъминоти шабакаи гармӣ;

0,5 - дар ҳолати қабули конденсат барои тозакунии иловагӣ. Дар ҳолати мавҷуд набудани имконияти истифодаи конденсати ифлосшуда, он ба заҳбур (дренаж) рехта мешавад.

9.4.6. Конденсати бозгардонидашудае, ки бо сабабҳои объективӣ (конденсати ифлосшуда ва ғ.) дар манбаи гармӣ истифода бурда намешавад, ба барнагардонидани конденсат баробар карда мешавад.

9.4.7. Дар ҳолати дар байни ташкилоти гармитаъминкунанда ва истифодабаранда пайдо шудани ихтилофи назар дар бораи миқдор ва сифати конденсати бозгардонидашаванда, экспертизаи техникӣ гузаронида мешавад. Экспертизаи техникӣ аз тарафи истифодабаранда дар ҳайати намояндагони ҳарду тараф бо ҷалб намудани мутахассисони ташкилотҳои дигари ғайриманфиатдор дар муддати на дертар аз 2 моҳи баъди ба расмият даровардани протоколи ихтилофи назар дар байни истифодабаранда ва ташкилоти таъминкунанда ҷамъ оварда мешавад.

Агар тарафҳо баъди гузаронидани экспертизаи техникӣ ба созиш наоянд, он гоҳ қарор дар бораи миқдор ва сифати конденсат аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи энергетика қабул карда мешавад.

### 9.5. Ҳисоббаробаркунӣ ва пардохти энергияи гармӣ

9.5.1. Ҳисоббаробаркунӣ барои энергияи гармии аз ҷониби муштарӣ дар давраи ҳисобӣ истифодашуда аз рӯи ҳуҷҷати пардохти бо тартиби муқарраршуда пешниҳоднамудаи ташкилоти гармитаъминкунанда ба анҷом расонида мешавад.

9.5.2. Ҳисоббаробаркунӣ барои энергияи гармӣ метавонад бо тартиби пардохтҳои нақшавӣ анҷом дода шавад.

Андозаи пардохтҳои нақшавӣ, мухлатҳо ва шакли пардохт дар шартнома муайян карда мешаванд.

9.5.3. Камкунӣ ва зиёдкунӣ ба тарифи энергияи гармӣ барои бозгардонидани конденсат дар ҳисоботи ҷамбастии солона ба назар гирифта мешавад.

9.5.4. Шартҳои ситонидани ҷарима (пеня) ва андозаи он барои ҳар як рӯзи зиёда аз мухлати муқарраршуда ба таъхир андохтани пардохти энергияи гармӣ бо мувофиқаи тарафҳо ба шартнома дароварда мешаванд.

9.5.5. Сарфи назар аз ҳуқуқи ситонидани ҷарима (пеня), дар ҳолати напардохтани ҳуҷҷатҳои пардохт аз рӯзи пешниҳоди он дар муддати даҳ рӯз, ташкилоти гармитаъминкунанда ҳуқуқ дорад, баъди огоҳ намудан интиқоли энергияи гармиро ба муштарӣ қатъ намояд.

9.5.6. Дар мавриди ошкор намудани хатогӣ дар ҳуҷҷати пардохт муштарӣ вазифадор аст фавран ба ташкилоти гармитаъминкунанда муроҷиат намояд. Ташкилоти гармитаъминкунанда вазифадор аст, дар мухлати 10 рӯз ҳисобро тафтиш намояд ва дар ҳолати зарурӣ санҷиш гузаронад.

Агар тафтиши ҳуҷҷати пардохт ё санҷиш зарурати аз нав ҳисоббаробаркуниро тақозо намояд, он гоҳ аз нав ҳисоббаробаркунӣ аз ҷониби ташкилоти гармитаъминкунанда ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷати пардохти навбатӣ гузаронида мешавад.

9.5.7. Аз нав ҳисоббаробаркунии арзиши пардохти хизматрасонии гармидиҳӣ дар ҳолати насб нашудани воситаҳои баҳисобгирии фардӣ ё умумии гармидиҳӣ дар хонаи истиқоматӣ ҳангоми муваққатан набудани истифодабаранда (зиёда аз панҷ рӯз) амалӣ карда намешавад.

## 10. ШАРТҲОИ ҚАТЪ ВА КАМ НАМУДАНИ ЭНЕРГИЯИ ГАРМӢ

10.1. Интиқоли энергияи гармӣ дар асоси шартномаи дар байни истифодабаранда ва ташкилоти гармитаъминкунанда басташуда анҷом дода мешавад.
10.2. Ташкилоти гармитаъминкунанда ҳуқуқ дорад, ки истифодабарандаро пешакӣ огоҳ карда, дар ҳолатҳои зерин интиқоли гармиро қисман ё пурра қатъ намояд:
а) дар мӯҳлатҳои муқарраршуда напардохтани арзиши энергияи гармии истифодашуда;
б) худсарона ба шабакаи гармӣ пайваст кардани муштариён, сехҳо ва дастгоҳҳои нав ё қисматҳои алоҳидаи онҳо, инчунин худсарона ба шабакаи гармӣ пайваст намудани муштариёни фаръии ташкилотҳои дигар;
в) бе иштироки нозири мақоми ваколати давлатӣ дар соҳаи энергетика ба кор даровардани системаи истифодаи энергияи гармӣ;
г) пайваст кардани системаи истифодаи энергияи гармӣ пеш аз асбобҳои баҳисобгирӣ;
д) исрофкории энергияи гармӣ, дуздидани он, ба ифлосшавӣ ва камшавии оби шабака роҳ додан;
е) ҳолати ғайриқаноатбахши системаҳои истифодаи энергияи гармӣ, ки хавфи садама дошта, барои ҳаёти коргарони хизматрасон хатарнок аст;
ж) нисбат ба нақшаи дар шартнома муқарраршуда барзиёд истифода намудани энергияи гармӣ дар соатҳои бори ҳадди аксар бе иҷозати ташкилоти гармитаъминкунанда ё дар ҳолате, ки ҳарорати оби бозгардандаи шабака нисбат ба нишондоди ҷадвал ба андозаи 3 °С зиёд аст;
з) бозгардондани камтар аз 90% миқдори конденсати дар шартнома пешбинишуда;
и) дар ҳолати роҳ надодани намояндаи ташкилоти гармитаъминкунанда ва нозири мақоми ваколати давлатӣ дар соҳаи энергетика ба системаи истифодаи энергияи гармӣ ё ба назди асбобҳои баҳисобгирандаи энергияи гармӣ.
10.3. Ҳангоми мавҷуд набудани манбаи таъминоти захиравӣ барои гузаронидани таъмири нақшавии дастгоҳҳо ва пайваст намудани истифодабарандагони нав ташкилоти гармитаъминкунанда бояд дар шартнома барои гузаронидани ин корҳо миқдор ва давомнокии қатъ кардани истифодабарии энергияи гармиро пешбинӣ намояд.

Огоҳ кардани истифодабаранда дар бораи қатъи энергияи гармӣ 10 рӯз пеш барои мувофиқа кардани санаи муайяни (рӯз ва соат) танаффус дар интиқоли энергияи гармӣ сурат мегирад. Агар истифодабаранда дар муддати 5 рӯзи баъд аз гирифтани огоҳинома вақти қатъ карданро мувофиқа накунад, ташкилоти гармитаъминкунанда ҳуқуқ дорад, ки худаш ин вақтро муайян намояд.

Танаффус дар интиқоли энергияи гармӣ бо огоҳ кардани истифодабаранда аз ин кор на кам аз 24 соат пеш аз қатъ кардан бояд анҷом дода шавад.
10.4. Барои қабул кардани чораҳои фаврӣ дар мавриди пешгирӣ ё бартараф намудани садама ташкилоти гармитаъминкунанда ҳуқуқ дорад, ки системаи гармиистифодабарии муштариёнро қатъ намояд ва баъд аз ин ба ӯ сабаби қатъ гардонданро хабар диҳад.